***Якубов Ҷумъа Калонович,***
*сармуаллими кафедраи*
*сиёсатшиносии ДДҲБСТ*

# НАҚШИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Тоҷикистони соҳибистиқлол бо вуҷуди мушкилиҳои иқтисодӣ ва душвориҳои зиндагии рӯзмарра дар эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор мегузорад. Васоити ахбори омма чун як рукни муҳими ҷомеаи демократӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат накши муҳим дошта, дар замони тасарруфу таҳоҷуми фарҳангӣ, рақобати иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои ватану миллат новобаста аз мансубияташон ба ҳизбу созмонҳо, шахсони ҷудогона дар тарбияи мардум дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстиву ормонҳои миллӣ саҳми арзанда мегузоранд. Кормандони расонаҳои хабарии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва манфиатҳои умумимилливу умумибашарӣ ба инъикоси хаққонии воқеаву рӯйдод, таҳлили дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва таҳаввулоти ҷаҳони муосир машғул гардида, дар ҳаллу фасли масоили доғи ҷомеа ва таъсир ба афкори сиёсии омма аз тамоми имконияту восита истифода мебаранд, ки бешак дар боло рафтани сатҳи маърифати мардуми Тоҷикистон нақши муҳим мебозад (1).

Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии баёну матбуотро кафолат дода, фаъолияти мунтазаму муназзами васоити ахбори оммаи кишвар дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои марбут ба он», «Дар бораи табъу нашр» заминаи устувори ҳуқуқӣ пайдо кардааст. Бинобар натиҷагирии яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ – «Хабарнигорони бидуни марз» дар таъмини озодии матбуоти Тоҷикистон дар соли 2012 байни 165 мамлакати дунё дар мавқеи 95-ум қарор гирифта, дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҷои аввалро ишғол кардааст. Чунин натиҷа аз як тараф нишон медиҳад, ки васоити ахбори оммаи Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсат мустаҳкам ва назаррас намудааст. Аз дигар тараф васоити ахбори омма дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ҳиссагузор буда, ҳар як рӯйдодҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро воқеӣ ва ҳаққонӣ инъикос намояд.

Сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон нисбати матбуот ба он равона карда шудааст, ки васоити ахбори омма проблемаҳои сиёсӣ - иҷтимоӣ ва иқтисодиро бо риоя намудани қонуну одоби рӯзноманигорӣ баррасӣ намояд, зеро расонаҳои хабарӣ дар кушодани чигилҳо муаммоҳо, оштинопазирии норасогиҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, қонуншиканӣ, бюрократӣ ва ноӯҳдабароии роҳбарони ҷудогонаи идораву корхона ва ғайра масъуланд.

Суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (марти соли 2004) ва бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии Прокуратураи ҷумҳурӣ тасдиқи гуфтаҳои болост: «Имрӯз матбуот ҳамқадами ҳаёт ва ҷузъи хеле муҳиму ҷудонопазири ҷомеаи озоду демократии мо буда, таъмини фазои интихоби дурусти мавқеъ имкониятҳои васеъ муҳайё месозад» (2).

Васоити ахбори омма дар воқеъ як нерӯи тавоноест, ки метавонад садди роҳи сар задани ҳамагуна ҳаводиси номатлуб бошад. Ҷомеаи навини Тоҷикистон дар назди васоити ахбори омма вазифаҳои навро гузоштааст, ки бе машварати тарафайн ва диди амиқ ба субот расонидани он афкори заифе, ки аллакай дар баъзе кишварҳо зуҳур ёфта ба зиддияти байни тамаддунҳо равона шудааст, амал намуда аз ривоҷи чунин равандҳои носолими сиёсиву фарҳангӣ ҷилавгирӣ намояд. Матбуот, ки оинаи рӯзгор аст, набояд ба майдони ғаразу кина ва ҳангомаҷӯӣ табдил дода шавад. Фаъолияти он низ набояд ба тезутунд кардани вазъи сиёсиву психологии ҷомеа равона гардад. Аз ҳар камбуди ҷузъӣ бо муболиғаҳои беасос ҳангома сохта, ҷомеаро ба самти нодуруст ҳидоят кардани расонаҳои хабарӣ амали холисонаву ватанпарастона намебошад.

Тадқиқи масъалаи нақши васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият актуалӣ ва талаби замон мебошад, зеро бо баробари соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон сохтори воситаҳои ахбори оммаи ҶТ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ ва муаммоҳо рӯ ба рӯ гардид ва масоили таъсири масс-медиа ба раванди сиёсии ҷомеа, мизони муносибати он бо сиёсат зарурати пажӯҳиши жарфтари ВАО-ро тақозо менамояд.

Барои дарки моҳияти васоити ахбори омма дақиқ кардан лозим аст, ки мафҳуми ВАО чиро ифода мекунад. Пеш аз ҳама, ВАО рӯзнома, маҷалла, барномаҳои телевизион ва радио, кинодокументалистика, интернет ва дигар шаклу воситаҳои чопу нашри ахбори оммавиро паҳнкунанда мебошанд.

ВАО ҷузъи таркибии системаи сиёсии ҷомеа маҳсуб ёфта, фаъолияти онҳо маҳсули таъсири муҳими ҷамъиятӣ - сиёсӣ дорад, чунки хусусияти ахбори ба хонандаву шунаванда равона карда шуда, муносибати онҳоро ба воқеият ва ба самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ муайян месозад. Кулли сиёсатшиносон бар он ақидаанд, ки ВАО на танҳо хабару иттилоъ медиҳад, балки инчунин ғоя, ақида, таълим, барномаҳои сиёсии муайянро тарғиб мекунад ва бо ин дар идоракунии ҳаёти иҷтимоӣ ширкат меварзад. Васоити ахбори омма фикру ақоиди ҷомеаро ташаккул дода, дастуру барномаҳои муайяни иҷтимоӣ ва боварии мардумро ба вуҷуд оварда, инсонро бо ин роҳ ба амалу ҳаракати муайян водор месозад.

Дар ҷамъияти демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи қонунӣ дорад, ки оиди воқеаву ҳодисоти дохили мамлакат ва берун аз он иттилоъ дошта бошад. Чунон ки дар аксар тадқиқотҳо зикр мегардад ва аз таҷрибаи бойи ҳаётӣ бармеояд, бе озодандешӣ демократия нест, бе демократия озодии баён. Дар навбати худ озодии баён ва демократияро бе матбуоти озоду мустақил тасаввур кардан ғайриимкон аст. ВАО дар ин маврид дар баробари дигар ҷузъиёти системаи демократӣ, ба мисли парламент, мақомоти иҷроияи ҳокимият ва судӣ мустақил меистад. Аз ин ҷост, ки ВАО-ро ҳамчун «ҳокимияти чаҳорум» ном мебаранд. Ибораи образноки мазкур ҳокимиятеро ифода

мекунад, ки дорои хусусиятҳои ба худ хосу мӯъҷаз буда, ба шохаҳои дигари ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) мушобеҳ нест. Чист ин хусусияти хос? Пеш аз ҳама, ин ҳокимият ноаён аст. Вай ягон хел мақомотҳои қонунгузор, иҷроия ва судии ба худ тобеъ надорад. ВАО наметавонанд фармон диҳанд, вазифадор намоянд, ҷазо ва ё ба ҷавобгарӣ кашанд. Яроқи ягонаи онҳо сухан, овозу тасвир, ки иттилоъ ва ё хабари муайянро ифода мекунад, яъне ҳодиса, баҳс, тасдиқ ва ё инкори воқеа, баҳо додан ба амалу рафтори шахси алоҳида, гурӯҳи одамон, ҳизбҳо, ташкилоти ҷамъиятӣ, ҳокимият ва ғайра маҳсуб меёбад. Матбуот ба ҷамъияти озод ҳамчун оина хизмати бебаҳо мекунад, зеро ҷомеа хешро дар оина хубтар мешиносад. Мавҷуд набудани чунин «оина» ҷомеаро ба нестӣ ҳидоят мекунад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳама сарварони (лидер) режими тоталитарӣ, ки акси худро дидан намехостанд, қисмати бад доштанд.

Васоити ахбори омма дар ҷомеаи демократӣ, бо обу ранги бадеӣ гӯем, бояд қутби нисбат ба ҳокимият аз ҷиҳати диалектикӣ муқобил истода бошад, на ин ки ҳамчун воситаи таблиғотӣ. Ба принсипи зерин амал кардан корест мушкил. Ба он на танҳо журналистон, балки кулли ҷомеа низ бояд одат намоянд. Чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, ин раванди мураккаб ва ранҷуркунанда аст. Зикр кардан кофист, ки ҳокимияти доро ВАО-ро пай дар пай сарзаниш менамояд, онро «матбуоти аз банд раҳошуда» меномад, ба муташанниҷ шудани вазъ, ба вайрон кардани муносибатҳо муттаҳам месозад. Хусусияти хоси журналистика ҳамчун фаъолият ва ВАО ҳамчун институт зарурати мақоми махсуси журналистика ва ВАО-ро дар дохили раванди сиёсӣ муайян месозад. Инчунин, муқаррар аст, ки маҳсулнокии фаъолияти журналисти алоҳида, гурӯҳи иттилоотӣ дар раванди сиёсӣ на танҳо аз вазифаи хешро бомаҳорат иҷро кардан, балки аз ҳамчун ба сифати субъекти фаъолияти сиёсӣ иштирок намудан низ вобаста аст.

ВАО дар ҳар як ҷамъият нақши муҳими иттилоотиро мебозад, яъне миёни журналист ва хонанда вазифаи миёнаравро иҷро менамояд. Бар замми ин, дар раванди фаъолият ВАО миёни иттилоъдиҳанда ва қабулкунанда иртиботи дутарафаро ташкил медиҳад. Бо ибораи дигар, алоқа ба амал оварда мешавад, вале алоқаи шахсӣ ва ё бевосита набуда, балки иртибот бо воситаи шаклҳои оммавии алоқа дар назар аст. Миёни журналист (коммуникатор) ва аудитория (реципиент) воситаи техникии алоқа мавҷуд аст, ки тавассути он ВАО бояд талаботи иттилоотии ҷомеаро қонеъ гардонад. Одам ҳуқуқ ба ҳақиқат дорад ва ин ҳуқуқ дар баробари илму санъат бо ахбори илмии матбуот, телевизион ва радио, бо хизматрасонии мухталифи иттилоотӣ таъмин карда мешавад. Онҳо ҷомеаро бо ахбори фаврӣ таъмин месозанд. Онҳо бояд ба одамон гӯянд, ки дирӯз ва имрӯз чӣ ҳодиса рух дод. Мавҷуд набудани ахбори саҳеҳу мӯътамад овозаҳои беасос ва дар мавриди инқироз, тарсу бим бесарусомониро бармеангезад. Хизматчиёни ВАО, азбаски соҳиби ҳуқуқ ва имкониятҳои васеъ мебошанд, бояд дар назди ҷомеа масъулиятро эҳсос намоянд. Сӯйистеъмол намудани озодии сухан дар аксар мамолики ҷаҳон ҷиҳати қонун қобили ҷазо аст. Истифодаи ВАО дар ифшо намудани сирру асрори давлатӣ, даъват ба истифодаи зӯрӣ, сарнагун ва ё дигаргун намудани сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ, тарғиби ҷанг, зӯроварӣ ва зулм, маҳалгароӣ ва миллатгароӣ ва ғайра манъ аст.

Инчунин истифодаи ВАО бо мақсади мудохила ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон, таҳдид ба нангу номуси онҳо манъ аст ва аз тарафи қонун таъқиб меёбад (3).

Журналист дар чорчӯбаи фаъолияти ВАО амал намуда, ҳуқуқ дорад, ки аз сарчашмаи гуногун иттилоъ гирад ва дар баробари ин ӯ бояд саҳеҳияту мӯътамадии иттилоъро донад, агар иттилоъ муқобили қонун бошад, аз вай даст кашад, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро эҳтиром намояд. Барои ин ё он қонуншиканӣ журналист ба ҷавобгарии ҷиноӣ ва дигар ҷазо кашида хоҳад шуд (3).

Матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма дар тарбияи маданияти сиёсии кулли аъзои ҷомеа масъуланд. Маданияти сиёсие, ки дар он ҳақнигорӣ, виҷдони пок, бothарӣ, афзалияти арзишҳои волои инсонӣ баръакси табақабандӣ ва тафриқаандозӣ ифода ёфта бошад.

Маданияти баланди сиёсӣ ин боинсофона ба эътибор гирифтани нуқтаи назари муқобили сиёсӣ, роҳ надодан ба усулҳои ношояму низоангези ҳалли масоил ва ғайра ба ҳисоб меравад. ВАО афкори ҷомеаро ташаккул ва ифода намуда, аз як тараф таҷриба ва афкори миллионҳо нафарро ҷамъ менамояд, аз дигар тараф натанҳо ба шуур, балки ба рафтор, ба амали дастаҷамъии одамон таъсир мерасонад. Режими тоталитарӣ афкори умумро ба назар намегирад. Дар ҷомеаи демократӣ идораи раванди иҷтимоӣ бидуни омӯзиш ва таъсири афкори умум ғайритасаввур аст, ки дар он ВАО нақши бузург дорад. Афкори умумро балад будан, истифодаи моҳиронаи он гарави баробар ҳукм рондан, бо роҳи демократӣ идора кардани равандҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

ВАО нақши сиёсӣ, роҳбарикунандаи хешро дар системаи сиёсии ҷомеа, инчунин, бо роҳҳои музокирот, ёрию мадад, танқид ва маҳкум кардани барномаҳои гуногуни сиёсӣ, ғояҳо ва пешниҳоди шахсони алоҳида, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, фраксияҳо ва ғайраро иҷро менамоянд. Масалан, раванди ташаккул ва демократисозии ҷомеаи муосири Доғистонро воситаҳои ахбори омма хеле тезонид. Садҳо, ҳазорҳо ҳуҷҷатҳо, арзҳо, барномаҳои сиёсӣ, қонунҳо дар саҳифаҳои матбуот, радио ва телевизион мавриди музокироти тезу шиддатнок қарор гирифтанд.

Самтҳои асосии фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии воситаҳои ахбори омма дар мавриди суботи ҷомеа, ба низом даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ кадомҳо бояд бошад?

- қонеъ намудани шавқу рағбати иттилоотии ҷомеа;
- таъмини озодии баён;
- таҳқиқ ва ташаккули афкори умум;
- ташкили музокирот, баҳс дар атрофи масоили муҳими ҳаёти ҷомеа;
- тарафдори танқиди барнома ва фаъолияти давлат, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сарварони алоҳида;
- тарбияи маданияти сиёсӣ, ахлоқ ва дигар хусусиятҳои шаҳрвандон;

Дар марҳалаи муосири пешрафти илмӣ-техникӣ ВАО низ рушд кард, ки дар натиҷа дар олам вазъу фазои нави иттилоотӣ ба вуҷуд омад. Дар натиҷаи тараққиёти воситаҳои алоқаи замонавӣ, рушди иртиботи байналхалқӣ имрӯзҳо ягон қувва раванди иттилоотиро инҳисор карда наметавонад. «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» ва дигар шартномаҳои байналхалқӣ, паҳншавии боэъ-

тимоди иттилоотро кафолат медиҳанд, ки тамоми халқҳои ҷаҳонро ба ҳам наздик месозанд.

Дар ин шароит муносибати сиёсат ва журналистика ба таври куллӣ тағйир ёфт. Ба ҷои воситаҳои ахбори оммаи сиёсии тобеъ ва зери назорати административӣ-бюрократӣ қарорёфта, матбуот, радио ва теливизиони хоси ҷомеаи демократӣ зуҳур меёбад, ки дар бунёди он арзишҳои умумиинсонӣ, ба мисли ростқавливу хақиқатгӯӣ, эҳтироми ақидаҳои гуногун, гарави озодандешӣ ва виҷдон ҷойгузин аст.

Дар натиҷаи дигаргун гаштани фазои иттилоотӣ ба ақидаи олими канадагӣ М.Макмоэн, имрӯз ҷаҳон ба деҳаи калон шабеҳ дорад, ки дар он ҷо ҳама чиз маълум аст. Ҳодиса, воқеае, ки дар дуртарин нуқтаи сайёра рух медиҳад, дар як лаҳза ба тамоми мамолики тараққикарда паҳн мегардад. Телевизион, алоқаи спутникӣ масофа ва сарҳадро бемамоният убур мекунад. Кӯшиши роҳбарони мамолики соҳиби режими тоталитарӣ дар манъ кардани иттилоот саҳнаи ҷанги Дон Кихотро бо осиёҳои шамолӣ ба ёд меорад.

Дар замони муосир рушди ВАО дар ҷаҳон бо кадом нишондодҳо муайян карда мешавад? Ҳоло дар ҷаҳон зиёда аз 8 ҳазор рӯзномаҳо бо тиражи ним миллиард ҳар рӯз нашр мешаванд. Зиёда аз 20 ҳазор радиостансия дар 133 мамолики дунё фаъолият мебарад. Мутобиқи меъёри муайянкардаи ЮНЕСКО дар ҳар як мамлакати мутараққӣ теъдоди ҳадди ақали сарчашмаи иттилоотӣ барои ҳар як ҳазор нафари аҳолӣ бояд 100-то рӯзнома, 100-то радио,100-то телевизион ростояд.

Ба ин чаҳорчӯба 25 мамлакати Аврупо, 4 мамлакати Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ ва дар Осиё Япония мувофиқ аст. Зикр намудан ҷолиб аст, ки дар мамлакатҳои Осиё, Африко ва Америкаи Лотинии истиқлолият бадастоварда теъдоди ВАО хеле кам аст. Масалан, 9 мамлакати қитъаи Америка умуман рӯзномаи хешро надорад. Дар аксари мамлакатҳои қитъаи Африко сиёсати миллии рушди воситаҳои ахбори омма мавҷуд нест.

Ҳамин тариқ, ВАО ҷузъи муҳими таркибии системаи сиёсии ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафта, моҳият, хусусият ва вазифаҳои он, дар аксар ҳолат вобаста аз сохтори сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеа муайян хоҳад шуд. Дар ҷомеаи тоталитарӣ матбуот, радио, телевизион ҳамчун ҷузъи ҷудонопазир ба системаи фармонравоӣ хизмат мекунад. Дар табиати қавии элитаи ҳукмрон, бюрократияи ҳизбӣ ВАО вазифаи аввалиндараҷаи хешро (таъмин кардани аҳолӣ бо ахборот) фаромӯш намуда, ба ташвиқоту тарғиби ғояву муқаррароти муайяншуда мепардозад ва на ҳамеша ба ташкил ва ба амал татбиқ шудани нақшаву тадбир ва ташаббусҳои зарурӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили ретроспективӣ. Барои дарку баҳо додани нақши нави системаи ВАО дар ҳаёти сиёсии муосири Тоҷикистон ба таърихи ташаккул ва инкишофи матбуот ва дигар воситаҳо, коммуникатсияи оммавии давраи баъдиоктябрӣ рӯ меорем. Дар давлати тоталитарӣ аз як тараф, ВАО қурбони режими тоталитарӣ гашта, тамоми сифатҳои мусбии минбари озод ва дигар воситаҳои иттилоотии аҳолиро аз даст медиҳанд. Аз дигар сӯй худи ВАО аслиҳа ё худ воситаи режими тоталитарӣ шуда мемонад. Ба ақидаи аксар олимон хусусияти хоси ин режим манфиатбахш ва пурмаҳсул истифода бурдани ВАО мебошад. Сухани режими

фармонравоӣ бе дурӯғ ғайриимкон буд. Ин дурӯғро ВАО меофарад. Ба ақидае дурӯғи тоталӣ аз террори тоталӣ хавфноктар буд, чунки вай паси дурӯғ пинҳон буд ва вонамуд мекард, ки хуб аст ва ҳатто мутафаккирон ва нависандагонро ба иштибоҳ мебурд.

Чи тавре, ки таърих гувоҳ аст, дар Декрет оиди матбуоти В.И. Ленин имзокарда (27.10.1917) қайд шуда буд, ки азбаски ҳокимияти нав акнун ба по рост шуда истодааст, ба дасти буржуазия додани матбуот ғайриимкон буда, дар ин вазъият аз бомба ҳам хавфноктар мешавад. Мутобиқи ин Декрет мақомоти матбуоте, ки ба зидди ҳокимияти нав ба муборизаи рӯирост даъват менамуданд, бо ҳаракатҳои иғвоангезона ба ҷиояте ҳидоят мекарданд, бояд баста мешуд. Зикр шуда буд, ки ин фармони муваққатӣ буда, бо баробари мӯътадил гаштани вазъи ҷамъиятӣ ислоҳ хоҳад шуд (4, 110). Дар раванди тадриҷан мустаҳкам шудани мавқеи ВАО нуқтаи назари нодуруст маънидод шудаи В.И.Ленин оиди бечунучаро зери назорати ҳизби тобеъ қарор гирифтани матбуот нақши худро бозид. Дар ҳамон шароити воқеӣ В.И.Ленин, ки нав аз пинҳонкорӣ баромада буд, чунин меҳисобад, ки бояд матбуот ҷузъи ҷудонопазири ҳизб бошад. Мутаассифона, матбуот хамчун воситаи ташкили ҳизб ва ба даст овардани ҳокимият ҳисобида мешуд. ВАО дар ҳамин мавқеи худ 70 сол боқӣ монд.

Дар охири солҳои 20-ум дар Тоҷикистон журналистикаи тоталитарӣ сохта шуд. Дигаргуниҳои кӯтоҳмуддат дар солҳои 50-60 дар системаи ВАО бисёр тағйиротҳо ворид сохт. Фаъолияти рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, радио ва телевизион ҷонноку рангин шуданд. Вале ҳамон тобеи марказ, тобеи як ҳизб боқӣ монданд.

Ба воситаҳои ахбори оммаи давраи шахсиятпарастӣ ва солҳои минбаъда чунин хусусиятҳо, ба мисли сиёсати бадбинона, ташвиқу тарғиби нуқтаи назари ягона, сиёсати ҷудохоҳона, ба ҳама талқин намудани ягона таълимоти дуруст, дурӯғ ва нимдурӯғ, ҷой надоштани баҳс, танқид, ахбори кӯҳнашуда ва ғайра характернок буд. Вале дар ин шароити номусоид дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо, радио ва телевизион баромадҳои ҷасурона ба назар мерасид, ки афкори ҷомеаро тағйир медод. Адабиёт ва ВАО ҷомеаро ба дигаргуниҳо омода месохт. Дар миёнаи солҳои 80-ум ибораи «озодии баён» пайдо шуд.

Озодии баён ин ҳуқуқи донистани ҳама чизе, ки дар мамлакат ва ҷаҳон содир мегардид, ин ҳуқуқи ҳақиқатро натарсида шунидан ва гуфтан маҳсуб меёбад. Ба озодии баён, ба озодандешии сиёсӣ (плюрализм) муддати дароз, ҳатто имрӯз низ мамоният кардан мехоҳанд.

Савол ба миён меояд: ҳоким кист, кадом фикр ба мамлакату халқ муфид асту, кадоме не? Одамоне пайдо мешаванд, ки дар амал ба озодии баён монеъ мешаванд. Баъзе консервативҳо афкори либералистиро рад менамоянд. Бале, чорчӯбаи озодии баён бояд ҳад дошта бошад. Талаби ин меъёр ҳақиқатнигорӣ, саҳеҳияту асоснокии ахбор аз рӯи виҷдон, аз рӯи қонун аст.

Дар замони муосир дар ҶТ ба нашри рӯзномаву маҷалла на танҳо ташкилотҳои давлатӣ, балки ҳизбҳои гуногун ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, кооперативҳо, ҷамъиятҳои динӣ ва эҷодӣ ва шахсони алоҳида ҳуқуқ пайдо кардаанд. Ба пастии маданияти сиёсӣ, ба маҳорати касбӣ нигоҳ накарда, ВАО фаъолияти

сиёсиро ҷоннок намуд, такондиҳандаи ғояҳо ва назари нав гардид ва тасаввуроти кӯҳнаро инкор кард.

Нақши ВАО дар эҳёи миллии Тоҷикистон, дар бедор кардани ҳиссиёти таърихнигории одамон, танқиди диктатураи сахт, бедор кардани расму оинҳо ифодаи худро ёфта истодааст. Сохтори нави ВАО ташаккул меёбад. Нашрияҳои ғайрирасмиву ғайрилегалии самтҳои гуногуни сиёсидошта пурра расмӣ шуданд. Яке аз хусусияти муҳими воситаҳои ахбори оммаи муосир ин иштироки фаъоли онҳо дар эҳёи миллӣ маҳсуб ёфта, афзуншавии мавод дар атрофи ин мавзӯъ дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷалла, радио, телевизион, баҳсҳо дар атрофи таърихи ниёгон, муносибатҳои байналхалқӣ, масъалаҳои истиқлолият ва ғайра, аз мухторияту истиқлолияти ВАО шаҳодат медиҳад.

Дар ҶТ аллакай Қонун «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ» қабул шудааст. Ҳамчунин Иттифоқи журналистони Тоҷикистон низ амал мекунад. Дар шароити нав муносибатҳои системаи сиёсӣ, ҳаёти сиёсии ҷомеа ва журналистика мураккаб мегардад. Агар дар режими тоталитарӣ тобеияти қатъии журналист ба сиёсат таҳти унвони «журналист - як намуди фаъолияти сиёсӣ», «журналист давоми аппарати ҳизбӣ, ёрдамчии ҳизб» ва ғайра ном бурда мешуд, имрӯз муносибат дар чорчӯбаи ҳамкории доимию баробар сурат мегирад. Вале дар аксар ҳолат муаллифон бо суханони қабеҳ симои душманро меофаранд ва аз сиёсат ба ҳақорат мегузаранд. Дуруст аст, ки ҷамъияти демократӣ бидуни муборизаҳои сиёсӣ тасаввурнопазир аст. Сохтани ҷомеаи навбунёд дар заминаи ахлоқи ҳамида, муносибатҳои инсондӯстона, виҷдони поку адолатпеша раванди дурударозу мураккаб буда, дар он нақши ВАО хеле бузург аст. Махсусан бояд зикр кард, ки ВАО дар ташаккул ва ба амал татбиқ намудани сиёсати хориҷии давлатӣ фаъолона иштирок менамояд.

Соли 2013 ба нашри аввалин шумораи нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои Шариф» 101 сол пур шуд. Муҳимтарин вазифаи «Бухорои Шариф» мусоидат кардан ба маърифатнокии мардуми тоҷик, баланд бардоштани шуури сиёсӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳарчанд рӯзномаи «Бухорои Шариф» бо нашри 153 шумора қатъ гардида бошад ҳам, он барои рушди минбаъдаи матбуоти тоҷик мусоидат кард.

Рӯзномаҳои «Самарқанд» ва «Оина» (1913-1915) низ аз фаъолияти сиёсӣ дур набуданд. Онҳо дар саҳифаҳои худ ҷоҳилию фанатизм, фиребу судхӯриро зери тозиёнаи танқид мегирифтанд ва ғояи ислоҳоти ҳаёти мустамликавии Туркистонро талқин мекарданд (5, 38-39).

Вобаста аз фазои сиёсӣ буржуазияи маҳаллӣ бо истифода аз нашрияҳои ҷадидияи «Бухорои Шариф», «Тӯрон», «Садои Туркистон», « Оина» ва ғ., нисбати Русияи подшоҳӣ хушомад мезад, онро ҳамчун минбари найранги сиёсӣ (манипулятсия) истифода мебурд (5, 48).

Бо дигаргун шудани режими сиёсӣ моҳият ва вазифаи ВАО тағйир меёбад.

***Калидвожаҳо***: *воситаҳои ахбори омма, матбуот, тасарруфи фарҳангӣ, рақобати иттилоотӣ, режими сиёсӣ, фазои иттилоотӣ, фаъолияти сиёсии воситаҳои ахбори омма.*

**Пайнавишт:**

1. Мурочиатномаи иштирокчиёни Семинар-машварати ҷумхуриявии кормандони матбуоти даврӣ ва табъу нашри Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва ҳама алоқамандони соҳа. //Ҷумҳурият. 10-марти соли 2005.
2. Ҷумҳурият. 10-марти соли 2005.
3. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма». // Садои мардум. 19 марти соли 2013. Шум.34-35
4. Комаровский В.С. Государственная служба и СМИ (курс лекций). –Воронеж: Издательство им. Е.А. Болховитина, 2003.
5. Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX в. –Худжанд: Ношир, 2001.

**Якубов Джума Калонович,**
*ст.преподаватель кафедры политологии ТГУПБП*

**Роль средств массовой информации Республики Таджикистан в современный период**

**Ключевие слова:** *средства массовой информации, пресса, культурная экспансия, информационное противостояние, политический режим, информационное пространство, политическая деятельность средств массовой коммуникации*

*Автор на основе сравнительного и ретроспективного анализа делает попытку исследовать незаменимую роль средств массовой информации в процессах демократизации общества и государственной службы, обеспечении общественного контроля над институтами государства, надлежащего уровня открытости и доступности для граждан инфрмации, обеспечения постоянного диалога с гражданским обществом. Указывая на развитие средств массовой коммуникации Республики Таджикистан в период независимости, автор констатирует:СМИ призваны информировать граждан о деятельности и позиции властей, их политике, СМИ формируют общественное мнение о действиях властей, мобилизуют общество на построение национального государства.*

**Dj. K. Yakubov**

**The Role of Mass Media in Tajikistan Republic of the Transitive Period**

**Key words:** *mass media, press, cultural expansion, informational opposition, political regime, informational space, political activities of mass media*

*Proceeding from comparative and retrospective analysis, the author of the article makes an endeavour to explore the indispensable role of mass media in the processes of democratization of society and state service, provision of social control over statal institutes, proper level of openness and availability of formation for citizens, insurance of a constant dialogue with the civic society. Pointing to the development of mass media in the Republic of Tajikistan in the period of independence the author asserts: MM are bound to inform citizens about the activities of the authorities and their position and policy. MM inform public opinion about the actions of the power, they mobilize the society for the building of the national state.*